# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи доктории Каримзода Мусо Бобишо дар мавзуи «Таърихи ислоҳоти соҳаи маориф дар Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2021)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. Таърихи ватанӣ)**

Дар шароити соҳибистиқлолии Тоҷикистон ва таҳкими давлатдории миллӣ самаранокии фаъолияти соҳаи маориф аз ташкили низоми тайёркунии касбии омӯзгорон, такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кадрҳои педагогӣ, тақвияти дониши касбӣ, иқтидори зеҳнии кормандон ва дар ин замина, таъмин намудани самаранокии фаъолияти касбии онҳо вобаста аст. Дар солҳои 1991–2021 низоми маориф дар Тоҷикистони соҳибистиқлол марҳилаҳои муҳимми тағйиротро аз муассисаҳои томактабӣ то таҳсилоти олӣ ва касбӣ аз сар гузаронд. Ислоҳоти соҳаи маориф дар дар ин давра дар шароити мураккаби сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ амалӣ гардид.

Сиёсати гузариш ба иқтисоди бозорӣ, тағйири сохтори идоракунии давлатӣ зарурати мутобиқ намудани низоми таълим ба талаботи нави ҷомеа ва бозори меҳнат, масъалаи таҷдиди куллии муассисаҳои таълимиро ба миён овард. Маҳз дар ҳамин давра соҳаи маорифи Тоҷикистон марҳилаҳои мураккаб ва ҳамзамон, сарнавиштсоз, аз ҷумла, аз буҳрони аввали давраи гузариш то ташаккули низоми муосири таҳсилот, мутобиқшавӣ ба стандартҳои байналмилалӣ, ҷорӣ гардидани низоми таълими салоҳиятнокӣ ва кредитиро аз сар гузаронид. Вобаста ба ин, таҳқиқи масъалаҳои таърихи ислоҳоти соҳаи маориф, бо фарогирии тамоми зинаҳои таҳсилот, дорои аҳаммияти калони илмӣ ва амалӣ дошта, дар айни ҳол дар таърихнигории муосири Тоҷикистон, ки то ирӯз мавриди таҳқиқи ҳаматарафаи илмӣ мавриди барррасӣ қарор дода нашудааст, муҳим арзёбӣ мегардад.

Бо назардошти ин, диссертатсияи Каримзода Мусо Бобишо дар мавзуи: «Таърихи ислоҳоти соҳаи маориф дар Тоҷикистони

соҳибистиқлол (1991–2021)», ба яке аз масъалаҳои муҳимми таърихнигории муосири кишвар бахшида шудааст.

Навгонии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал масъалаи таърихи ислоҳоти соҳаи маориф ва муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Истиқлолияти давлатӣ дар шакли рисолаи диссертатсионӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Сохтор ва мундариҷаи диссертатсияи Каримзода Мусо Бобишо дар мавзуи: «Таърихи ислоҳоти соҳаи маориф дар Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991–2021)» ба талабот ҷавобгӯ буда, аз муқаддима, панҷ боб, зербобҳо, хулосаҳои бобӣ ва хулосаи умумӣ иборат мебошад. Сохтори диссертатсия мантиқӣ ва пайдарпай тарҳрезӣ шуда. ба мақсад ва вазифаҳои муайяншуда мутобиқ аст.

Муқаддима (саҳ. 3–30) масъалаи мубрамият, дараҷаи омӯзиш, ҳадафу вазифаҳо, навгониҳои илмӣ ва асосҳои методологии таҳқикро фаро гирифта, барои дарки самти умумии таҳқиқот заминаи устувор мегузорад. Дар муқаддима нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодгардида, доираи хронологии таҳқиқот, асосҳои назариявии рисола, арзиши амалии рисолаи диссертатсионӣ, ҳамзамон, саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқ, тасвиб ва амалишавии диссертатсия сохтор ва ҳаҷми рисола муайян гардидаанд.

Дар боби якум «Фаъолияти муассисаҳои томактабӣ дар шароити нави иқтисодию иҷтимоӣ» фаъолияти муассисаҳои томактабӣ дар шароити нави иқтисодиву иҷтимоӣ, хусусиятҳои муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ дар замони истиқлол ба таври таҳлилӣ нишон дода шудааст. Дар ин боб муаллиф қайд менамояд, ки теъдоди муассисаҳои томактабӣ зиёд гардидаанд. Агар соли таҳсили 2013 дар ҷумҳурӣ 546 адад муассисаи томактабӣ бо ҷалби 85770 кӯдак фаъолият дошта бошад, пас дар соли 2015 миқдори онҳо 575 адад ва теъдоди кӯдакон 88347-ро ташкил медод, ки дар муқоиса нисбат ба соли 2013 - 29 муассиса ва шумораи кӯдакон 2577 нафар зиёд гардид. Дар хулосаи ин боб, муаллиф

ба чунин хулосае меояд, ки асоси рушди давлат ва миллатро маориф ташкил медиҳад. Аз ин хотир, таърихи ислоҳоти соҳаи маорифи ҶТ қисми ҷудонашавандаи таърихи сарзамини тоҷикон аст, ки баррасии он яке аз проблемаҳои ҳалталаби рӯз ба шумор меравад.

Дар боби дуюм «Гузариш ба низоми нав дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ» масъалаи ислоҳоти таҳсилоти миёнаи умумӣ, таъсиси муассисаҳои хусусӣ, литсейҳо, гимназияҳо ва ҷорӣ гардидани низоми таълими салоҳиятнокиро фаро мегирад, ки дар он камбудӣ, мушкилиҳои солҳои 90-уми асри XX ва рушди минбаъдаи соҳа аз солҳои 2010 бо факту рақамҳои далелнок оварда шудааст. Дар ин боб муаллиф масъалаи таъсис ва фаъолияти муассисаҳои хусусӣ, литсейҳо ва гимназияҳоро, мавриди таҳлил қарор дода, дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда ба ғайр аз дастовардҳо, камбудиҳоро низ зикр намудааст.

Дар боби сеюм «Фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар шароити ислоҳоти соҳаи маориф» муаллиф бо факту рақамҳо рушди таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, инчунин ба масъалаҳои сифати таълим ва таъминоти кадрӣ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халкро таҳлил намудааast, ки аҳаммияти амалии он хеле назаррас мебошад. Дар хулосаи ин боб, муаллиф камбудиҳои вуҷуддоштаро низ зикр намуда, қайд менамояд, ки литсейҳои касбӣ-техникии ноҳияи Қубодиён, ноҳияи Панҷ, ноҳияи Фархор, ноҳияҳои Ховалинг, Ашт, Зафаробод, Деваштич, Лахш, Б. Ғафуров ва саноати кӯҳии ш. Исфара заминаи моддӣ-техникӣ ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ нестанд. Илова бар ин, бо факту рақамҳо изҳор менамояд, ки теъдоди компютер ва дигар воситаҳои нави техникӣ ва технологияи навин дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ниҳоят кам буда, техникаҳои таълимӣ дар ҳолати корношоям қарор доранд.

Дар боби чорум «Низоми фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар шароити ислоҳоти соҳаи маориф» равандҳои ислоҳоти таҳсилоти олӣ ва гузариш ба низоми кредитии таҳсилотро бо истифода аз маводи

фаровони оморӣ ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ баррасӣ шуда, дар он муаллиф ба хулосае меояд, ки дар муддати амалӣ гардидани низоми кредитии таҳсил, тадриҷан ҳамаи муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии ҷумҳурӣ зина ба зина ба низоми мазкур гузашта, мазмун ва мундариҷаи барномаҳои асосии таҳсилот таҳияи комплексҳои методӣ-таълимӣ, китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимиро дар шакли электронӣ таҳия намуданд.

Боби панҷум ба накши калидии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон бахшида шуда , дар он ташаккул ва рушди сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф нишон дода шудааст, ки саҳми шахсии ӯро дар ислоҳоти низоми таҳсилот асоснок менамояд. Дар ҷамъбасти ин боб муаллиф ба хулосае омадааст, ки дар ибтидои даврони Истиқлол соҳаи маориф аз нав ташкил гардид ва қадамҳои аввалин дар таъсиси маорифи миллӣ гузошта шуд. Дар ин кори ниҳоят мушкил ва боифтихор саҳми Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бағоят бузург мебошад.

Дар рисола хулосаҳои ҳар боб ва хулосаи умумӣ натиҷаҳои асосии таҳқикро ҷамъбаст намуда, ба хулосаҳои илмии мантиқӣ овардааст.

Яке аз дастовардҳои таҳқиқот ин даврабандӣ мейошад. Муаллиф бо дарназардошти хусусиятҳои таърихӣ ва мантиқии рушди соҳаи маориф, раванди ислоҳотро ба се марҳилаи асосӣ ҷудо кардааст.

Муаллиф марҳилаи якумро (1991–1997) — марҳилаи гузариш ва бухронӣ, ки бо мушкилоти иқтисодӣ, коҳиши маблағгузорӣ, таназзули пойгоҳи моддию техникӣ ва ҳамзамон, ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳифз ва мутобиқсозии низоми маориф ба шароити нави давлатдорӣ тавсиф намудааст.

Марҳилаи дуюм бошад (1998–2010) — марҳилаи барқарорсозӣ ва устуворшавӣ номида шуда онро бо қабули санадҳои меъёрӣ-ҳуқукии асосӣ, барномаҳои давлатӣ, ташаккули шаклҳои нави муассисаҳои

таълимӣ, рушди таҳсилоти касбӣ ва оғози ислоҳоти мазмуну муҳтавои таълим шарҳ додааст.

Марҳилаи сеюм (2011–2021) — марҳилаи навсозӣ ва мутобиқсозӣ уновон гардида, муаллиф кайд менамояд, ки бо ҷорӣ гардидани низоми таълими салоҳиятнокӣ, рушди муассисаҳои ғайридавлатӣ, татбиқи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва ҳамоҳангсозии маориф бо стандартҳои байналмилалӣ тавсиф мешавад.

Чунин даврабандӣ имкон медиҳад, ки раванди ислоҳоти соҳаи маориф дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ба таври муназзам, мантиқӣ ва илмӣ таҳлил гардида, робитаи мутақобилаи тағйироти маориф бо равандҳои умумии рушди давлат ва ҷомеа ошкор карда шавад.

Дар маҷмуъ, дар диссертатсия таҳқиқи тамоми масъалаҳои марбут ба таърихи ислоҳоти муассисаҳои таълимии соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷкистон дар замони Истиқлоли давлатӣ мавриди таҳлилу баррасӣ карор дода шудааст. Вобата ба ин, аҳаммияти илмию амалии рисола дар он аст, ки саҳифаҳои норавшани масъалаҳои ташаккул ва рушди муассисаҳои таълимии Вазорати маориф ва рушди илми Ҷумҳурии Тоҷкистон таҳқиқ ва ҷамъбаст гардидааст.

Хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи мазкурро метавон, дар навбати аввал, ҳамчун манбаи илмӣ ва таҳқиқ ҳангоми пажуҳиши масоиле, ки бо давраи таҳқиқшаванда алоқаманд мебошанд, истифода намуд. Ба ғайр аз ин, онҳоро ҳангоми тартиб додани барномаҳо ва такмили адабиёти таълимии таърихи халқи тоҷик, ҳамчунин, натиҷаҳо ва тавсияҳои диссертатсияро дар муассисаҳои олии касбии кишвар дар таълими таърихи муосири Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст.

Хулосаҳои муаллиф дар қисмати таърихи ислоҳоти соҳаи маориф ва муассисаҳои таълимии томактабӣ, миёна, миёнаи махсус ва олии Ҷумҳурии Тоҷкистон (1991-2021), ки ҷузъи таърихи навини мардуми тоҷик мебошад, таҳқиқ ва ҷамъбаст карда шудаанд. Ҳамзамон, дар таҳқиқоти анҷомдодашуда, дастовардҳои низоми таҳсили кормандони

соҳаи маориф дар замони Истиқлол ба таври дақиқ ва ҳаматарафа ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Аз шиносоӣ бо рисолаи докторӣ бармеояд, ки муҳаққиқ дар тули заҳмати чандсолааш маводи фаровони илмиро оид ба таърихи ислоҳоти соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷкистон (1991-2021) ҷамъоварӣ намуда, онҳоро ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Дар диссертатсия дар баробари комёбиҳо баъзе камбудиву нуқсонҳои зерин ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо дар оянда ҳангоми нашри монография ба манфиати такмили мавзуи мазкур мебошад:

1. Дар диссертатсияи докторӣ баъзан масъалаҳое баррасӣ гардидаанд, ки ба мазмуну муҳтавои он робитаи мустақим надошта, ба фаъолияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷкистон бештар робита доранд.

2. Дар боби чорум дар таҳлили равандҳои ислоҳоти таҳсилоти олӣ ва гузариш ба низоми кредитии таҳсилот мисолҳои муқоисавӣ дар минтақаҳо кам нишон дода шудааст.

3. Дар қисмати дараҷаи таҳқиқи мавзуъ ва рӯйхати адабиёти истифодашуда рисолаҳои диссертатсиониии олимоне, ки ба масъалаҳои таърихи ислоҳоти соҳаи маориф ва муассисаҳои таълимӣ ва дар маҷмуъ ба фаъолияти Вазорати маориф ва рушди илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дахлдоштаи осори олимон ва китобҳои бунёдии илмӣ, аз ҷумла, "История таджикского народа" (Ҷилдҳои 5-6 -Душанбе, 2004., 2010) камтар таваҷҷуҳ шудааст.

4. Дар дараҷаи таҳқиқ муаллиф нисбат ба осори илмии муҳаққиқони ватанӣ камтар таваҷҷӯҳ дода, адабиёти хориҷиро дар самти ислоҳоти соҳаи маориф бештар таҳлил намудааст.

5. Дар рисолаи докторӣ баъзе хатоҳои имлоӣ, ва техникӣ ҳамчунин дар номгӯйи сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда, ба баъзе ғалатҳои имлоӣ роҳ дода шуда, дар маводҳои бойгонӣ дар баъзе мавридҳо мафҳумҳои хазина, парванда, варақҳои истифодашуда мушаххас нишон дода нашудааст.

Новобаста ба баъзе камбудиҳои ҷузъӣ, рисолаи доктории Каримзода Мусо Бобишо дар мавзуи: «Таърихи ислоҳоти соҳаи маориф дар Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991–2021)», кори анҷомёфта буда, ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рисолаҳои номзадӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. - Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1.-Таърихи ватанӣ) пурра ҷавобгӯ мебошад.

Фишурдаи рисолаи докторӣ (автореферат) ва интишороти муаллиф муҳтавои асосии рисоларо инъикос намуда, ба стандартҳое, ки нисбат ба авторефератҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих татбиқ мешаванд, мувофиқат мекунад ва муаллифи рисола Каримзода Мусо Бобишо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. - Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1.-Таърихи ватанӣ) сазовор мебошад.

**Муқаррizи расмӣ:**
доктори илмҳои таърих, профессори
кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон Собирова Қ.Д.

Имзои профессор Қ. Собироваро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э. Ш.

«4» 06 с.2026
Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17
Тел: +992 -221-78-11